**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Ба рўйхат гирифта шуд:
№ БД–60230100–2.05
«____»________соли 202 1

**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Ректори ДДС  Р.И.Халмурадов
_______________________
202 1 йил “____”________

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ
аз фанни
# АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 200 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 230 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва омўзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |

**Самарқанд – 2021**

Дастури таълимии фанни “Адабиёти тасаввуфӣ” дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факультети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд тавсия карда шудааст. (_______ соли 2021 баённомаи № __).

**Мудири кафедра** Ҷ. Ҳамроев. **проф. Ҷ.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факультети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (_____ соли 2021 баённомаи рақами № ___).

**Декани факултет** **проф. А.Пардаев**

Созиш карда шуд:

Роҳбари корҳои таълимӣ-услубӣ_______________ **проф. А.Солеев**

| Фан/Коди модул<br>ТАТ4003<br>бакалавриат | Соли хониши<br>202_-202_ | Семестри 8 | ECTS-Кредитҳо<br>3 |
|---|---|---|---|
| Фан/ Намуди фан:<br>Интихобӣ | Забони таълим<br>Тоҷикӣ | | Соатҳои дарси ҳафтаина<br>5 |

| 1 | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|
| | Адабиёти тасаввуфӣ | 75 | 15 | 90 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади таълими фанни “Адабиёти тасаввуфӣ” ба донишӯён омӯзонидани заминаҳои пайдоишу омилҳои интишор ва хусусиятҳои таълимоти тасаввуф, таъсири он ба адабиёти бадеӣ, баррасии раванди шаклёбӣ ва давраҳои инкишофи адабиёти сӯфиёна, мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеию услубӣ ва арзиши мероси сӯфия аст.

Мақсад ва вазифаҳои фанни тасаввуф ва асосҳои поэтикаи мумтоз аз шинос намудани донишҷӯён бо адабиёти илмии оиди таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна таснифшуда; оид ба чараёни ташаккул, омилҳои инкишоф ва хусусиятҳои адабиёти тасаввуфӣ дар донишҷӯён тасаввур ва маълумот ҳосил кунонидан; шинос намудани донишҷӯён бо симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфӣ ва асарҳои онҳо; дар донишҷӯён шакл додани малакаи таҳлили мустақилонаи осори адабиёти сӯфия; равона кардани арзишҳои ахлоқии осори адабиёти сӯфия ба камолоти маънавию ахлоқии толибилмон.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Фанни адабиёти тасаввуфӣ ва мавзӯи баҳси он**

Адабиёти тасаввуфӣ ва мавқеи он дар таърихи адабиёти форсу тоҷик. Осори адабиёти сӯфия ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он. Тадқиқи таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар шарқшиносии аврупой. Дастовардҳои тасаввуфшиносони Эронию тоҷик. Тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар Ӯзбекистон. Мушкилот ва истиқболи тадқиқи тасаввуф ва адабиёти сӯфия.

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 2. Таълимоти тасаввуф ва заминаҳои пайдоишу инкишофи он**<br>Вазъияти таърихии хилофат дар аҳди Умавиён. Мухолифати муҳаддисон ба дунявӣ шудани давлати исломӣ. Зӯҳду зоҳидӣ ҳамчун унсури аввалини таълимоти тасаввуф. Аввалин зоҳидони маъруф: Иброҳими Адҳам, Фузайл ибни Аёз ва зиндагиномаю фаъолияти онҳо.<br>**Мавзӯи 3. Пайдоиши ирфон (мистика) дар тасаввуф**<br>Ба вуҷуд омадани ишқи илоҳӣ (ирфон) дар фаъолияти зоҳидии Робиаи Адавияи Басрӣ дар Ироқ муноҷотҳои ошиқонаи Робияи Басрӣ. Ба унсури асосии тасаввуф табдил ёфтани ирфон (ишқи илоҳӣ).<br>**Мавзӯи 4. Пайдоиши таълимоти пантеизм (ваҳдати вуҷуд) дар тасаввуф**<br>Ваҳдати вучуд чун унсури фалсафии тасаввуф ва пайдоиши он дар фаъолияти Мансури Ҳаллоҷ дар асри Х. Шиори «аналҳақ»-и Мансури Ҳаллоҷ ва моҳияти бузурги гуманистии он. Мазмуни фалсафии таълимоти ваҳдати вучуд.<br>**Мавзӯи 5. Тасаввуф ва ҷавонмардӣ**<br>Интишори ойини гуманитарии чавонмардӣ (футувват) дар асрҳои 1Х-Х ва мафкураи табақаҳои ҳунармандӣ инъикос намудани он. Омезиши футувват бо тариқаи тасаввуф дар ин асрҳо ба рукни тасаввуф табдил ёфтани футувват дар даврахои минбаъда нақш ва аҳамияти ойини футувват дар ривочу вусъати характери гуманистӣ ва ахлоқии таълимоти тасаввуф.<br>**Мавзӯи 6. Тариқати маломат дар тасаввуф**<br>Дар айни болоравии шӯҳрати эътибори тасаввуф ба авомфиребӣ, дунёпарастӣ, риёкорӣ ва касби шӯҳрату маҳбубият дар байни мардум дода шудани бисёре аз шайхони тариқат ва муқобили ин иллатҳои онҳо чун ҳаракати ислоҳоталабӣ Зуҳур кардани тариқаи маломат дар дохили тасаввуф. Таълимоти маломат-нуқтаи олитаринии тасаввуф. Маломат ва футувват. Тариқати нақшбандия чун меросбарӣ тариқат маломат. Сафои ботин ва ихлос дар амал «чун асосан таълимоти маломат. Дар заминаи таълимоти маломат ба вучуд омадани ойинаҳои ботинпарастонаи қаландарӣ ва риндӣ.<br>**Мавзӯи 7. Пайдошавии адабиёти тасаввуфӣ**<br>Мачлисҳои вазъи сӯфиён ва корбасти шеър дар онҳо. Самоъи сӯфиён ва шеър. Корбасти шеърҳои фольклорӣ дар мачлисҳои ваъз ва самоъи сӯфиён. Аввалин шеърҳои сӯфиёна. Мазмуну мундарица, хусусиятҳои жанрӣ ва бадеию услубии онҳо. Омилҳои инкишофи шеъри сӯфиёна дар адабиёти мумтози форсу тоҷик. Ифодаи афкори Тасаввуфӣ дар лирикаи мумтоз. |

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 8. Аввалин шоирони мутасаввиф**<br>Ташаккули ҷараёни адабии сӯфия ва саромадони он. Тарчимаи ҳоли Бобо Кӯҳии Шерозй: Дар чавонӣ касби муҳаддисиро интихоб кардан ва сайру сафарҳои бисёр кардани ӯ. Ба тасаввуф рӯй овардани Бобо кӮҳӣ ва ба дараҷаи шайхӣ расидани ӯ. Девони ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ ва ифодаи ҷаҳонбинӣ ва афкори сӯфиёнаи шоир дар он. Бобо Тоҳири Урён ва мачмӯаи дубайтиҳои ӯ. Ифодаи ғояҳои Тасаввуфӣ дар дубайтиҳои шоир. Системаи образҳо ва забону услуби дубайтиҳои Бобо Тоҳир. Оҳангҳои маҳзунона ва шиквоию эътирозии дубайтиҳои шоир.<br>**Мавзӯи 9. Ҳаёт ва фаолияти Абдуллоҳи Ансорӣ**<br>Хоча Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ (1006-1088) ва мақоми ӯ дар тасаввуф ва адабиёти мумтози форсйй-тоҷикӣ. Тарчумаи ҳоли Абдуллоҳи Ансорӣ. Роҳи ба худ хосси Ансорӣ ба тасаввуф. Фаъолият ва шӯҳрати ӯ дар тариқат осори сӯфиёна ва адабии Ансорӣ. Рисолаҳои тасаввуфии ӯ.<br>**Мавзӯи 10. Рисолаҳо ва малфузоту пандномаҳои Ансорӣ**<br>Ансорӣ муҳаққиқ ва муаррихи тасаввуф. Асари ӯ доир ба мақомоти бузургони сӯфия ва аҳамияти он дар омӯзишии таърихи тасаввуф. Рисолаҳои ахлоқӣ адабии Ансорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи насри ахлоқии адабиёт мумтози форсу-тоҷик. Ансорӣ-ба вучуд орандаи насри бадеии адабиёти форсу тоҷик. Хусусият ва имтиёзоти бадеии насри Ансорӣ. Мавқеи сачъ дар онҳо. Таъсири насри лирики қофиядорӣ Ансорӣ ва «Гулистон»-и Саъдй.<br>**Мавзӯи 11.Саноии Ғазнавӣ ва маснавиҳои ӯ**<br>Тарчумаи ҳоли Саноӣ. Роҳи ӯ ба тариқат: мадеҳасароӣ ва хидмати дар борӣ султонро тарк карда, ба тасаввур рӯ овардани ӯ. Ривояти манбаъҳо дар ин бора. Баҳсҳо дар хусуси тааллуқи Саноӣ ба тасаввуф.<br>Осори Саноӣ. Маснавиҳои хурду бузурги сӯфиёнаи шоир ва дараҷаи омӯхта шудани онҳо. Маснавии «Сайр-ул-ибод» ва инъикоси бадеии роҳи солики тариқат ба сӯи кишвари хушбахтӣ дар он ба жанри Сафарномаи ҳаёт таалуқ доштани маснавӣ шабоҳат ва умумияти он бо «Мазҳакаи илоҳй»-и Данте.<br>**Мавзӯи 12. Маснавии «Ҳадиқат ул-ҳақиқат» калонтарин ва муҳимтарин асари сӯфиёнаи Саноӣ**<br>«Ҳадиқат ул-ҳақиқат»-и калонтарин ва муҳимтарин асари сӯфиёнаи Саноӣ. Сохтмон ва мавзӯву мундариҷаи он. «Ҳадиқа» чун асари барчастаи илоҳй-фалсафй. Услуби адабии ин асар. Таъсири бузурги он ба маснавиҳои сӯфиёнаи шоирони минбаъда.<br>**Мавзӯи 13. Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ**<br>Зиндагиномаи Аттор. Мероси бузурги адабии Аттор ва баҳсҳо пиромуни |

| | |
|---|---|
| | таалluои баъзе асарҳо ба қалами ӯ дарачаи омӯзиш ва нашри асарҳои Аттор. Маснавиҳои тасаввуфи Аттор.<br>Маснавиҳои тасаввуфии Аттор. Маснавии «Илоҳинома» ва мазмуну мундаричаи он. Мазмуни ғоявӣ ва хусусиятҳои сохторию бадеии маснавиҳои «Булбулнома» ва «Мантиқ ут-тайр»-и Аттор. Тачассуми сайри сулуки тасавуфӣ дар ин маснавиҳо.<br>**Мавзӯи 14. “Мантиқ-ут-тайр”-и Фаридаддуни Аттор ва таҷассуми сайри сулуки тасаввуфӣ дар он**<br>“Мантиқ-ут-тайр” куллаи баланди осори Аттор. Сохт ва таркиби маснавиии “Мантиқ-ут-тайр”. Мавзӯъ ва мундарҷаи маснвии “Мантиқ-ут-тайр”.Мақсад ва ғояи маснавй.<br>**Мавзӯи 15. Девони ашъори Фаридаддуни Аттор**<br>Девони ашъори лирики Аттор. Силсилаи ғазалҳои қаландариёт дар девони Аттор ва ифодаи ғояҳои озодию бетааллуқӣ дар онҳо. Маҳорати эҷодкории шоир ҳангоми офаридани образҳои нав. Корбасти санъатҳои бадеӣ ва масолеи авзони ғазалҳои Аттор<br>**Мавзӯи 16. Ҷалолиддин Румӣ машҳур ба Мавлавӣ**<br>Эчодиёти Мавлавӣ куллаи адабиёти Тасаввуфӣ. Мақоми Мавлавӣ дар адабиёти мумтози форсй-тоҷик.<br>Зиндагиномаи Мавлавӣ. Давраи бачагӣ ва тарбияи ӯ дар Самарқанд. Ҳичрати ӯ ҳамроҳи падарӯ модар ва хонаводааш ба кишвари Румӣ дар арафаи истилоҳи муғул. Давраи камолот, фаъолияти илмй-мударрисӣ ва ирфонии Мавлавӣ дар шаҳри Қуния Рум қиссаи Мавлавӣ ва Шамси Табрезй<br>Мероси адабии Мавлавӣ: Девони ғазалиёт машҳур ба «Девони кабир» ё «Девони Шамс». «Маснавии маънавӣ».<br>**Мавзӯи 17. «Девони кабир»-и Мавлавӣ**<br>Ишқи илоҳӣ ва тачассуми бадеии он дар «Девони кабир». Мазмуну мундаричаи бой ва ранго ранги «Девони кабир». Шӯрангезии ифодаи эҳсосу андешаҳо дар ғазалиёти Мавлавӣ. Иқтидори инсонӣ ва бе банду бастии қаҳрамони лирики ӯ. Забон ва усули ғазалсароии Мавлавӣ. Муносибати озод ва бе қайдонаи ӯ ва суннату қоидаҳои ғазалсарой. Тозагӣ ва халқияти образҳои ғазалиёти ӯ.<br>**Мавзӯи 18. Сохту таркиб ва мавзӯву мундаричаи «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ**<br>Мақоми олии «Маснавӣ»-и Мавлавӣ дар байни маснавиҳои ахлоқи фалсафии сӯфиёна. Банду басти махсуси «Маснавӣ». Мавқеи ҳикоятҳо дар он. Дунёи васеи мазмуну мундаричаи асар ва афкору андешаҳои шоири мутаффакир. |

**Мавзӯи 19. Силсилаи Нақшбандияи тасаввуф ва расму оинҳои он**

Силсилаи Нақшбандияи тасаввуф. Саромадони тариқати нақшбандӣ. Арзиши иҷтимоии ойини нақшбандӣ. Интишори тариқати Нақшбандия дар Мовароуннаҳр. Инъикоси ғояҳои таълимоти нақшбандия дар адабиёти бадеӣ. Намояндвагони таълимоти нақшбандӣ.

**Мавзӯи 20. Абдураҳмони Ҷомӣ ва осори тасаввуфии ӯ**

Абдураҳмони Ҷомӣ намоядаи бузурги адабиёти сӯфия. Мазмун ва мундариҷаи маснавиҳои Ҷомӣ. "Силсилат-уз-заҳаб" қуллаи баланди эҷодиёти Ҷомӣ. "Саломон ва Абсол" достони рамзӣ-тасаввуфӣ. Сохт ва таркиби тазкираи "Нафоҳот-ул-унс".

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Моҳияти гуманистиитаълимоти Мансури Ҳаллоҷ.
2. Мақомҳои тариқати тасаввуф.
3. Адабиёти тасаввуфӣ ва мавқеи он дар таърихи адабиёти форсу тоҷик.
4. Корбасти шеърҳои фолклорӣ дар маҷлисҳои ваъз ва самоъи сӯфиёна.
5. Забон ва услуби дубайтиҳои Бобо Тоҳир.
6. Абдуллоҳи Ансорӣ ва инкишофи насри бадеӣ-ахлоқии мумтози форсу тоҷик.
7. Маснавиёти сӯфиёнаи Саноӣ ва дараҷаи тадқиқи онҳо.
8. Маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ ва инкишофи маснавиёти ахлоқӣ.
9. Маснавии "Илоҳинома"-и Аттор.
10. Мазмун ва мундариҷаи "Футувватнома"-и Аттор.
11. Маснавиҳои ғайритасаввуфии Фаридаддуни Аттор
12. Таҷассуми мақомот ва аҳволи тасаввуфӣ дар «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ.
13. Нажмиддин Кубро – куброи тариқат
14. Нақшбандия ва ҳамбастагии он бо адабиёти бадеӣ.
15. Арзиши ичтимоии ойини нақшбандӣ ва инъикоси он дар адабиёти бадей.
16. Сохт ва таркиби тазкираи "Нафоҳот-ул-унс"-и Ҷомӣ.
17. Шоирони Мовароуннаҳри асрҳои XV-XVII ва таълимоти нақшбандия.
18. Инсони комил чун идеали тасаввуф ва адабиёт.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд

гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Тадқиқи таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна дар шарқшиносии аврупоӣ.
2. Дастовардҳои тасаввуфшиносони эронию тоҷик.
3. Ахбори адабиёти илмӣ оиди вазъияти таърихии хилофат дар аҳди Умавиён.
4. Маълумоти адабиёти илмӣ дар бораи унсурҳои таркибии тасаввуф.
5. Зиндагиномаю фаъолияти аввалин зоҳидони маъруф: Иброҳими Адҳам ва Фузайл ибни Аёз.
6. Робияи Басрӣ ва фаъолияти зоҳидии ӯ.
7. Таълимоти Мансури Ҳаллоҷ ва Боязиди Бастомӣ.
8. Силсилаҳои тасаввуф.
9. Мақомҳои тариқати тасаввуфӣ.
10. Тасаввуф ва ҷавонмардӣ.
11. Маломат дар тасаввуф.
12. Самоъи сӯфиён ва шеър.
13. Аввалин шеърҳои сӯфиёна.
14. Тарҷимаи ҳоли Бобо Кӯҳии Шерозӣ:
15. Девони ғазалиёти Бобо Кӯҳӣ ва ифодаи ҷаҳонбинӣ ва афкори сӯфиёнаи шоир дар он.
16. Бобо Тоҳири Урён ва маҷмӯаи дубайтиҳои ӯ.
17. Ансорӣ муҳаққиқ ва муаррихи тасаввуф.
18. Саҷъ дар насри бадеии Абдулло Ансорӣ.
19. Таҳлили намунаҳо аз ғазалиёти Румӣ.
20. Таҳлили ҳикоятҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ.
21. Абдухолиқи Ғиждувонӣ ва ғояҳои тариқати хоҷагон.
22. Тариқати нақшбандия ва таъсири он дар пешрафти мактаби адабии Ҳирот дар асри XV.
23. Абдураҳмони Ҷомӣ ва тариқати нақшбандия.
24. Осори сӯфиёнаи Ҷомӣ ва мавқеи он дар пешрафти адабиёти тасаввуфӣ.

Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.

3

## V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)

Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:

| | |
|---|---|
| | – хусусиятҳои маънавӣ ва илмиву адабии истилоҳи тасаввуфро омӯхтан ва шиносӣ бо адабиёти илмии оиди таълимоти тасаввуф ва адабиёти сӯфиёна таснифшуда, оид ба ҷараёни ташаккул, омилҳои инкишоф ва хусусиятҳои адабиёти тасаввуфӣ тасаввур ва маълумот ҳосил кардан, инчунин бо симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфӣ ва асарҳои онҳо ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>– дарк намудани ғояҳои ирфонии достон, қисса, ғазал, рубоӣ ва дигар жанрҳои адабиёти бадеӣ, бо омӯзиши фаъолияти мутасаввифони бузург ва асарҳои машҳури онҳо аз дунёи тасаввуф бохабар гаштан, шакл додани малакаи таҳлили мустақилонаи осори адабиёти сӯфия, инчунин равона кардани арзишҳои ахлоқии осори адабиёти сӯфия ба камолоти маънавию ахлоқии толибилмон ва дар бораи адабиёти тасаввуфӣ ва усулҳои омӯзиши он тасаввур ҳосил намоянд ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;***<br>– оиди қонуниятҳои инкишоф ва хусусиятҳои давраҳои ҷудогонаи тараққиёти адабиёти тасаввуфӣ соҳиби дониши кофӣ гарданд, ҷараёнҳои асосии инкишофи адабиёти тасаввуфиро донанд, бо тадқиқоти илмии дар бораи адабиёти тасаввуфӣ анҷом ёфта комилан ошноӣ дошта ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намоянд, дар бораи тадқиқи қиёсии осори адабӣ малака ҳосил намоянд, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти симоҳои намоёни адабиёти тасаввуфӣ маълумоти кофӣ ҳосил намуда ва аз онҳо баҳра бардошта тавонанд ва ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифашои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. – М.: Наука, 1965. – 340 с.<br>2. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. –Душанбе: Адиб, 1992. – 185 с. |

3. Худой Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърихи адабиёти тоҷик. (Аз аҳди қадим то оғози асри XIII). –Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.
4. Комилов Н. Тасаввуф. –Тошкент, 2009. 345 б.
5. Зарринкуб А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.- Душанбе, 1992. – 543 с.

**Адабиёти иловагӣ**

6. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 29 б.
7. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 47 б.
8. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 485 б.
9. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги "Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида" ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
10. Каримов И.А. Маънавияти воло – нерўи мағлубнопазир. (Баёни мухтасар). –Тошкент, Маънавият, 2008
11. Абу Абдуллоҳ Бухорий. Ал-жомиъ ус-саҳиҳ. 1-2 жилдлар. Т.: Ўзбекистон Миллий энциклопедияси илмий нашриёти, 2008.
12. Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик.- Душанбе: Адиб, 1999. – 210 с.
13. Адабиёти форсу тоҷик дар асрхои XII-XIV. Кисми 1. - Душанбе, 1976.
14. Брагинский В.И. Символизм суфийского пути в "Поэме о море женщин" и мотив свадебного корабля // Суфизм в контексте мусулманской культуры.-Москва: Наука, 1989.- 38-51 с.
15. Баракаев Х.Тасаввуф ва Хожа Аҳрори Валй.-Самарқанд: Суғдиён, 1997.-142 с.
16. Доктор Човид. Сабк ва мухтасари насри Хоча Ансорӣ, - Маҷаллаи «Адаб», 1343. ҳ.
17. Деҳхудо. «Farhang-e ešārāt-e adabiyāt-e fārsi»-и ёддоштҳои Деҳхудо
18. Зарринкӯб А. Арзиши мероси сӯфия.- Теҳрон, 1344.х.
19. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Ч. 2.- Теҳрон, 1373 х.
20. Иззат Султон. Нақшбанд абадиёти. – Т.: 1996.
21. Комилов Н. Тасавввуф ёки комил инсон ахлоқи.- Кит.1,Тошкент: ёзувчи, 1996.- 271 с.
22. Комилов Н. Хизр чашмаси.-Тошкент: Маънавият, 2005.-318 с.
23. Кароматов Ҳ. Қуръон ва ўзбек адабиёти. – Т.: Фан, 1993.

24. Қуронбеков А .Ҳофиз ғазалиётида маънолар силсиласи -Тошкент: Фан, 1994.-207 б.
25. Куронбеков А. "Маснавийи маънавий" да тасаввуф тимсоллари.-Тошкент,2011.-216б
26. Қосим Ғанй. Бахс дар осор ва афкор ва аҳволи Ҳофиз. Ч.2,. Қисмати аввал- Теҳрон, 1332.
27. Қурбон Восеъ. Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз.– Душанбе: Ирфон, 1991.
28. Муҳаммадходжаев А. Гнеселогия суфизма.-Душанбе: Дониш, 1990.-113
29. Мухторов З. Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саной.-Душанбе: Ҳумо, 2001.-128 с.
30. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ.- Душанбе, 1988.
31. Олим С. Нақшбанд ва Навоий. – Т.: Ўқитувчи, 1996.
32. Рустамов А. Аруз ҳақида суҳбатлар. – Т.: 1972.
33. С. Ҳасанов. Бобурнинг "Рисолайи аруз" асари. – Т.: 1986.
34. Сулаймон Боқирғоний. Боқирғон китоби. Т.: 1991.
35. Сўфи Оллоҳёр. Саботу-л-ожизин. – Т.: 1991.
36. Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти урафо.-Теҳрон, 1383.-814с.
37. Саид Нафисй. Сарчашмаҳои тасаввуф дар Эрон.-Теҳрон, 1343.
38. С.Саъдиев. Нақшбандия ва таъсири он ба адабиёт.-Самарқанд, 2001.-67с
39. Ўринбоев Б. Суфизм атамалари луғати.- Самарқанд.-1998.-128 с.
40. Фаридуддини Аттор. Тазкират-ул-авлиё.-Бомбаӣ, 1313 ҳ.
41. Фитрат. Аҳмад Яссавий, Яссавий мактаби шоирлари тўғрисида текширишлар, Машраб. / Танланган асарлар. 2-жилд. – Т.: Маънавият, 2000.
42. Хожа Аҳмад Яссавий. Девони ҳикмат. Т.: 1992.
43. Ҳазратқулов М.Ишқи ирфонӣ дар шеър.// Садои Шарқ, 1986,8.- 105-116
44. Ҳаким Саной. Осори мунтахаб.- Душанбе: Адиб, 1993.
45. Ҳаққул И. Тасаввуф ва шеърият. – Т.: Ғафур Ғулом номидаги Нашриёт-матбаа бирлашмаси, 1992.
46. Ҳаққул И. Тасаввуф сабоқлари. - Бухоро: 2004.
47. Ҷалолиддин Румий. Маънавий маснавий. 1-6 китоб. Т.: 1999–2005.

**Манбаъҳои ахборӣ:**

48. www.ZiyoNet.uz
49. www.wekopedia.tj
50. bse39.medtour.info ›podrobno/tadzhikskiy_yazyk…
51. ziyonet.uz›ru/people

| | |
|---|---|
| | 52.omuzgor.my1.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf… |
| 7 | Дастури фан ___________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ____ дар шӯрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>Х.Мирзаев – доктори фалсафа (PhD), устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Ахмедова – доктори фалсафа (PhD), устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>С.Хӯҷақулов - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС (дохила)<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС (беруна) |